«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат

«__» ___02___ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба кори диссертатсионии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи **«Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.** Қайд намудан бамаврид аст, ки сохтор, муҳтаво, ҳаҷм ва мазмуну мундариҷаи кори диссертатсионии таҳлилу таҳқиқшудаи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла, ба банди 30 – сохтори шахсият; масъалаи тафовути инфиродӣ ва типологияи шахсият; соҳаи маънавию ахлоқии шахсият; таносуби олами ботинӣ ва берунии инсон; равияи шахс, самтёбиҳои ҳаётӣ ва арзишнок; худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ; образи «Ман»; худмуайянкунии шахс; кирдор ҳамчун категорияи шахсиятӣ; қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи шахс; худамалисозии шахс; такомули шахсият; эътидол ва патологияи шахс; солимии психологии шахс; банди 35 – психологияи муносибатҳо; психологияи мақсадгузорӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти таҳқиқот** гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро ҳамчун омили калидии иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ пеш меорад, ки таҳқиқи он бо истифода аз раҳёфти байнифаннӣ амалӣ шуда, ҳамгироии муносибатҳоро дар самти гуманизатсияи ҳаёти наврас дар бар мегирад. Муҳимтар аз он, генезиси механизмҳои психологии ворид намудани наврасон ба гуманизатсияи ҳамкориҳо ҳамчун субъекти муносибат мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст.

Дар шароити имрӯзаи рушди босуботи ҷомеа ҳангоми таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар ҷойи аввал шахсиятсозӣ меистад, зеро маҳз шахсияти комил метавонад арзишҳои умумиинсониро чун арзишҳои шахсии худ қабул намуда, рафторашро дар доираи меъёрҳои инсондӯстӣ ба танзим дарорад. Муносибатҳои инсонгароёна чун ҷузъи таркибии муҳимтарини ҳаёту фаъолияти одамон ва асоси муносибатҳои иҷтимоии онҳо дар ташаккулу тақвият ёфтани арзишҳои олии инсонии шахсияти худшиносу фаъол мавқеи хосса доранд. Чуноне унвонҷӯ қайд мекунад, «дар наврасӣ нақши асосӣ ба системаи муқарраркунандаи муносибат бо атрофиён тааллуқ дорад. Маҳз системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психикии наврасро муайян мекунад. Дар амалияи педагогӣ мазмун, метод ва шаклҳои ташкили фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ коркард шудаанд: барои синни томактабӣ – бозӣ, барои синфҳои ибтидоӣ – таълимӣ. Дар баробари ин, қайд кардан ҷоиз аст, ки масъалаи ташкил намудани муносибатҳои байнишахсӣ ва шароити зарурии инкишофи шахсият дар давраи наврасӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда ба қадри кофӣ омӯхта ва таҳқиқ карда нашудааст».

Мавсуф таъкид мекунад, ки воқеан масъалаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар илми психология мавзуи нав намебошад, вале муҳиммияти он ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад. Бар замми ин, бо васеъшавии доираи муносибати байниҳамдигарии одамон, мураккабшавии мавқеъгириҳои иҷтимоӣ ба раванди худшуурнокӣ ва худвоқеиятбахшии наврасон таъсир мерасонад. Албатта, давраи наврасӣ чун як лаҳзаи муҳимми

рушди ичтимоӣ баромад кунад ҳам, аммо такмили муносибатҳои байнишахсӣ зарур мебошад. Ин муносибатҳои инсонгароёна аст, ки дар ташаккули арзишҳои олии умумиинсонии шахсияти худшиносу фаъол, мустақилу масъулиятшинос, қобил ба пайдо кардани маънии ҳаёт мавқеи муҳим дорад.

Дар илми психологияи муосири тоҷик ба омӯхтани масъалаи инсонгароии муносибатҳои байнишахсӣ диққати махсус дода мешавад, вале фарқият ва тозагии кори унвонҷӯ Исмоилов Шокирҷон дар он ба назар мерасад, ки таҳқиқи ичтимоӣ-психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро дар давраи мусоиди он – синни наврасӣ гузаронидааст. Муҳаққиқ шахсияти инсонро бо тамоми мураккабию нотакрор буданаш дар маркази таҳқиқоти худ қарор дода, таъсири механизмҳои психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро дар наврасон дар шароити махсус ташкилшудаи таълимӣ омӯхтааст. Дар заминаи таҳлили натиҷаҳои ташхиси психологӣ методҳои кори инкишофдиҳӣ ва психотерапевтиро интихоб намуда, истифода бурдааст, ки ба самаранокии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ ва хештансозӣ дар давраи наврасӣ равона гаштааст. Аз ҷониби унвонҷӯ дуруст дарк кардани таҳқиқи нокифояи муаммои гуманизатсияи ичтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон дар низоми таҳсилот, тараққиёти илму техника ва технологияҳои муосир ва ба ҳисоб нагирифтани таъсири он ба механизми инсонгароӣ дар ин раванд сабаби интихоб шудани мавзуи тадқиқотии «Таҳқиқи гуманизатсияи ичтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» гардидааст, ки ин нукта мубрамияти интихоби мавзуъро таъмин мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки

- бори аввал механизми гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ ошкор карда шудааст;
- шароитҳои психологии таъминкунандаи самаранокии ин механизм муайян карда шуданд;

- меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккулёбандагии равияи гуманистии шахсияти наврас дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ муқаррар карда шудаанд;

- динамикаи инкишофи раванди мустақилият дар зери таъсири механизмҳои гуманизатсия муқаррар карда шудааст;

- дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи тренинги "Гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ" таҳия ва татбиқ гардидааст, ки ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ нигаронида шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз асоснок кардани масъалаи таҳқиқи гуманизатсия дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ-психологӣ тавсиф додани муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон, асоснок кардани нақши пешбарандаи иҷтимоишавӣ ҳамчун омили худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ, механизмҳои гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар давраи наврасӣ дар асоси интегратсияи раҳёфтҳои гуногуни назариявию методологӣ, ошкор намудани меъёр ва роҳҳои рушди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсии наврасон зимни машғулиятҳои таълимӣ ва кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи раванди муносибатҳои байнишахсӣ иборат аст. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда, хулосаю тавсияҳои дар асоси онҳо пешниҳодшударо дар раванди таълим, дар озмоишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дар ҳалли масъалаҳои инкишофи шахсияти наврас ва такмили раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна, машваратҳои оилавӣ ва марказҳои офиятбахшӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии он.** Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, маводи густурдаи кофӣ ва бисёрҷанбаи озмоишӣ, ки ба ҳаҷм, ҳадафҳо, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ аст, бо давомнокии дахлдори озмоиши матлабҳои назариявӣ ва амалӣ, ҳамчунин, бо имконпазир будани такрори санҷиши психологӣ, ки барои таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои он имкон медиҳад, кофӣ будани сарчашмаҳои

истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва аҳаммияти омории маълумоти бадастомада таъмин гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб ёфта, дар заминаи таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ ошкор карда шудаанд.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чопшуда, инчунин дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф дар шакли баромадҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар семинару ҷаласаҳои донишгоҳӣ ва гузоришҳову тезисҳои конфронсҳои минтақавиву байналхалқӣ ироа гардида, инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ дар диссертатсияву автореферати кори таҳқиқотӣ ва интишороти унвонҷӯ инъикос ёфтааст. Унвонҷӯ дар натиҷаи корбарии мақсаднок ба хулосаҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 226 саҳифа ва автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) тибқи талаботи «Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо» ва банди 54 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, таҳия ва ба тартиб дароварда шудааст. Дар диссертатсия 15 ҷадвал ва 5 диаграмма оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогири 191 номгӯй мебошад.

Дар қисмати **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои илмии таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуқтаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан дар илми психологии тоҷик ҷиҳати инкишофи шахсияти наврас, раванди шаклгирӣ ва инкишофёбии мустақилият, фаъолсозии захираҳои субъективии ӯ мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки раванди худтарбиякунӣ, худидоракунӣ ва худинкишофдиҳӣ тақвият ёбад, аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ»** ном дошта, аз чор зербоб иборат буда, масъалаи омӯзиши тарафҳои назариявию методологии гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон дар педагогика ва психология мавриди таҳлили назариявӣ қарор гирифтааст. Дар ин боб масъалаҳои ҷанбаҳои иҷтимоию психологии назарияҳои гуманистӣ дар педагогика, генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология, тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон ва иҷтимоишавӣ чун омили рушди худвоқеиятбахшии онҳо таҳлилу таҳқиқ ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия афкори гуманистиро чун маҳаки асосии мазмуни умумибашарии маънавиёт, ки дар шуури ахлоқӣ таҷассум меёбад, баррасӣ намуда, мусоидати онро ба пайдоиш ва инкишофи анъанаҳои инсондӯстӣ дар илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ нишон додааст. Ӯ ба амсилаи

инсони комил, ки намояндагони психологияи гуманистӣ таҳия намудаанд ва тибқи он инсони комил – ин шахсияти фаъол ва худфаъолкунанда, мустақил ва масъулиятшинос, қобил ба дарккунӣ ва амалӣ намудани арзишҳо ва пайдо кардани маънои ҳаёт мебошад, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Инро чун як идеал дар сатҳи психологӣ барои ҳар як инсон ҳамчун дастур дониста, кӯшиши расидан ба ин идеалро роҳи дарёфти маънавиёт ва расидан ба камолот маънидод кардааст.

Диссертант қайд менамояд, ки масъалаи ҳалталаби шахс дар психология аз ҷиҳати коркард мушкилтарин ва серҷанбаю беҳамто буда, махсусиятҳои худро дорад. Ин масъала дар давраи наврасӣ аҳаммияти бештар дошта, дар ин синну сол ташаккулёбии шахс пуршиддат сурат мегирад ва ба андозаи зиёд аз худи навраси аз рушди соҳаи равияи шахс, мақсадгузориҳо ва ташкилаҳои ахлоқӣ вобаста мебошад. Дар синни наврасӣ нақши асосӣ ба системаи муқарраркунандаи муносибат бо атрофиён тааллуқ дошта, маҳз системаи муносибатҳо бо муҳити иҷтимоӣ самти инкишофи психологии наврасро муайян мекунад.

Дар зербоби аввал, ки **«Ҷанбаҳои ичтимоию психологии назарияҳои гуманистӣ дар педагогика»** ном дорад, сухан дар бораи пажӯҳиши сарчашмаҳои муаммои гуманизм, паҳлуҳои иҷтимоӣ-педагогии он меравад. Муаллифи рисола пеш аз ҳама, моҳияти истилоҳи «гуманизм»-ро ошкор сохта, қайд менамояд, ки гуманизм мафҳуми ба таври васеъ паҳншуда ва бисёрҷанба мебошад. Аз ин рӯ, гуманизм мисли дигар зуҳурот ҳамчун падидаи мушаххаси таърихӣ, бо дарназардошти омилҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ ба таври махсус баррасӣ карда шавад.

Ба фикри диссертант «гуманизм» ҳамчун ҷаҳонбинии муайян тавсиф дода шуда, «одамият» ин сифати инсониест, ки идеали инсондӯстӣ маҳсуб меёбад ва «гуманизатсия» раванде мебошад, ки ин сифатро ташаккул медиҳад ва ин ҷаҳонбиниро тавсиф менамояд.

Унвонҷӯ дар зербоби дуюм бо номи **«Генезиси ҷараёнҳои гуманистӣ дар психология»**-ро таҳқиқ намуда, муаммои фаҳмиши психологии

гуманизм, моҳияти онро ҳамчун механизми асосии рушди иҷтимоишавӣ ҳаллу фасл кардааст. Мавсуф таъкид мекунад, ки ғояи меҳварии психологияи гуманистӣ бо категорияи ягонагии шахсият ва мутаалликкунонии он алоқаманд буда, психологҳои ин самт ба шахсияти солим ва пайваста инкишоёфбанда таваҷҷуҳ доранд, ки ҳадафи он худвоқеиятбахшӣ аст.

Дар зербоби сеюм бо номи **«Тавсифи иҷтимоӣ-психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар наврасон»** гуфта мешавад, ки дар психология масъалаи шахсият аз ҷиҳати омӯзиш яке аз мушкилтарин масъалаҳо муаррифӣ мегардад ва дар тули таърихи инкишофи ин соҳаи илм борҳо эътироф шудааст, ки омӯзиши пурраи масъалаи мазкурро дар доираи назарияи алоҳидаи психологӣ маҳдуд кардан ғайриимкон аст, зеро он серҷанбаю беҳамто буда, махсусияти худро дорад. Муаллиф чунин шуморидааст, ки инкишофи шахсро бояд ҳамчун раванд баррасӣ кард. Ин раванд ба дараҷаи ташаккулёбӣ ва ғанӣ гардидани маҳз ҳамон сифатҳои муназзами шахс тавсиф дода мешавад, ки дар он сатҳи камолоти иҷтимоӣ, ҳамгироӣ ва моҳияти иҷтимоии ӯ ифода ёфтааст.

Зербоби чорум, ки **«Иҷтимоишавӣ ҳамчун омили рушди худвоқеиятбахшӣ дар синни наврасӣ»** ном дорад, дар он сухан дар бораи ҷараёни иҷтимоишавии шахс ва вижагиҳои он меравад. Унвонҷӯ мақсад гузоштааст, дар таҳқиқоти хеш муайян кунад, ки азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, ташаккулёбии системаи дохилии танзими рафтори шахс ва раванди интериоризатсия чӣ тавр сурат мегирад. Қайд намудааст, ки механизми иҷтимоӣ-психологии иҷтимоишавӣ нақши «пули гузариш»-ро дар байни танзимаҳои беруна ва танзимаҳои дохилӣ иҷро мекунад. Дар хулосаи фасли мазкур муаллиф таъкид менамояд, ки дар давраи наврасӣ заминаи худшиносӣ ва тасаввурот дар бораи худ ҳамчун субъекти меҳнат, муошират ва дониш гузошта шуда, раванди ташаккулёбии худшиносӣ муносибати наврасро бо атрофиён ба таври назаррас тағйир медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳқиқи иҷтимоӣ-психологии раванди гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ»** унвон

дошта, дар он сухан дар бораи ташкили кори озмоишӣ меравад. Асоси таҳқиқоти озмоиширо принсипҳои психологияи гуманистӣ (А. Маслоу, К. Роҷерс, Э. Фромм, Д. Чермс ва дигарон) ташкил додаанд. Дар чор зербоби ин қисмати кор масъалаи асосноккунӣ ва ташкили кори озмоишӣ; таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда; кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ; таҳлили динамикаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти эмпирикӣ дар чаҳор марҳила: ташхисӣ, муқарраркунанда, таълимӣ, назоратӣ сурат гирифта, дар рафти тадқиқот методикаҳои таҳқиқи дараҷаи иддао бо истифодаи методи Шварсландер; методикаи омӯзиши худбаҳодиҳӣ (методикаи С. А. Будассӣ); методикаи таҳқиқи дараҷаи майл ба эмпатияи И. М. Юсупов; методи ташхиси муносибатҳои байнишахсии Т. Лирӣ (варианти мутобиқгардонидаи Л. Л. Собчак) истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия вазъияти тарбиявиро чун як ҷузъи раванди таълим ба сифати яке аз механизмҳои пешбарандаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ истифода бурда, ба мақсади санҷидани механизмҳои муайяншуда амсилаи омӯзиши таҷрибавии раванди гуманизатсияи ҳамкории байнишахсиро таҳия кардааст, ки интериоризатсияи ин механизмҳо дар маҷмуъ барои фаъол намудани механизми гуманизатсияи шахсият ёрӣ мерасонад. Дар доираи озмоиши ташаккулдиҳанда барномаи рушд таҳия ва амалӣ карда шудааст, ки татбиқи он зарурат ва самаранокии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро асоснок кардааст.

Зербоби аввал бо номи **«Асосноккунӣ ва ташкили кори озмоишӣ»** ҷиҳати муайян кардани мазмун ва сохтори механизмҳои психологӣ дар асоси омӯзиш ва тавсифи хусусиятҳои шахсият, рафтор ва фаъолияти ӯ дар ин ё он вазъият, инчунин, маълумоти дар бораи худ пешниҳодкардаи озмудашаванда, ки тавассути саволнома ва анкетаҳо амалӣ карда мешавад, бахшида шудааст. Ба сифати методҳои эмпирикии таҳқиқот методҳои

ташхиси психологӣ ва тарҷумаиҳолӣ истифода гардида, ҳамчун метод ва методикаҳои асосӣ истифода шуданд:

1. Методикаи худбаҳодиҳии дараҷаи иддаои Шварсландер. Дараҷаи иддао дараҷаи душвории он ҳадафҳоеро тавсиф менамояд, ки шахс барои расидан ба онҳо кӯшиш мекунад ва ноил шудан ба онҳо барои ӯ ҷолиб ва имконпазир менамояд. Дараҷаи иддао мувофиқ ва номувофиқ мешавад. Дараҷаи иддаои номувофиқ дар ду шакл зоҳир мешавад, яъне баланд ва паст.

2. Методикаи таҳқиқи худбаҳодиҳии шахс (Сергей Будасси). Ин методика имкон медиҳад, ки таҳқиқи миқдории худбаҳодиҳии шахс, яъне андозагирии он анҷом дода шавад. Асоси ин методикаро усули табақабандӣ ташкил мекунад.

3. Методикаи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ (Тимоти Лири). Методи ташхиси муносибатҳои байнишахсӣ (ТМБ) варианти тағйирдодашудаи методи ташхиси байнишахсӣ (Тимоти Лири) мебошад, ки дар пайравӣ ба ғояи Г. Салливэн таҳия шудааст. Раҳёфти назариявии Г. Салливэн дар фаҳмиши моҳияти шахс ба тасаввурот доир ба нақши муҳим доштани баҳодиҳӣ ва андешаҳои атрофиён нисбат ба шахси мушаххас асос ёфтааст.

4. Методи ташхиси фаврии эмпатия (И.М. Юсупов), ки ба омӯхтани спектри ҳамкориҳои эмпатикӣ бо объектҳои гуногун нигаронида шудааст.

Дар зербоби дуюм бо номи **«Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда»** гуфта мешавад, ки таҳқиқи шароитҳои психологии омӯзиши муташаккили ҳамкории гуманистӣ дар раванди муносибатҳои байнишахсӣ барои наврасон аз се қисми ба ҳам алоқаманд иборат аст.

Бахусус, тавассути усулҳои махсуси истифодашуда дараҷаи иддао мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ барои аксарияти озмудашавандагон зарурати гузаронидани корҳои махсуси психологиро ҷиҳати тағйир додани дараҷаи иддао дар самти баланд бардоштани он ошкор кардааст. Инчунин, довталаб дараҷаи худбаҳодиҳӣ, тарзи муносибатҳои байнишахсии наврасони муассисаҳои гуногуни шаҳру ноҳия ва курсҳои

кӯтоҳмуддатро омӯхта, ташхис намудааст. Муаллиф ташхиси дараҷаи тамоюлҳои эмпатикиро бинобар бо маҳорати гузоштани худ ба ҷойи шахси дигар ва қобилияти ихтиёрона вокуниши эмотсионалӣ кардан бо мушкилоти одамони дигар алоқаманд будан чунин хислати шахсиятро низ барои омӯзиш ҷолиб шуморидааст.

Рисоланавис натиҷаҳои таҳқиқи инкишофи дараҷаи иддао, худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони шаҳру ноҳияҳоро таҳлили муқоисавӣ намуда, нишон додааст, ки ҳангоми татбиқи тарзҳои гуногуни муносибатҳои байнишахсии онҳо сатҳи муътадили дараҷаи иддаои наврасони шаҳр дараҷаи миёнаи худбаҳодиҳӣ ва эмпатияи наврасони ноҳия ошкор шудааст.

Дар зербоби сеюм бо унвони **«Кори иҷтимоию психологӣ оид ба гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ»** сухан дар бораи сарчашмаҳои иҷтимоишавии шахс ва инкишофи ӯ меравад. Унвонҷӯ ба мақсади роҳандозии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар раванди тарбия барномаи инкишофдиҳандаро давоми се сол бо ҳамон як гурӯҳи наврасон амали намудааст. Мавсуф барои ба наврасони дорои хислатҳои шахсияти худфаъолкунанда таваҷҷуҳ равона нашудан гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратиро ҷудо накардааст, ки он барои эътимоднокии натиҷаҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Исмоилов Шокирҷон бо амалӣ намудани барномаи инкишофдиҳанда зарурат ва самаранокии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсиро нишон додааст, ки сифати хуби таҳқиқотчигии ӯ ба шумор меравад.

Таҳқиқоти эмпирикӣ дар чор марҳила: ташхисӣ, муқарраркунанда, таълимӣ, назоратӣ сурат гирифта, корҳои озмоишӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бо иштироки 233 нафар бачагону наврасони аз 10 то 15 солаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Ашт ва инчунин 42 нафар наврасони «Маркази машварати психологӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии Заковат», дар умум 275 нафар баргузор гардидааст.

Дар зербоби чорум рисола таҳти унвони **«Таҳлили динамикаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ»** сухан дар

бораи маълумотҳои ҳангоми омӯзиши таҷрибавӣ бадастомада меравад ва он имкон додааст, ки натиҷаҳои чор марҳилаи кори диссертатсионӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шавад. Барои тасдиқи натиҷаҳои дар рафти таҳқиқоти ташхисӣ ва татбиқи барномаи инкишофдиҳанда бадастомада аз методи коркарди математикии Н-меъёри Крускал Уоллис ва коэффитсиенти коррелятсияи дараҷавии Спирмен истифода бурда шудааст.

Н-меъёри Крускал Уоллис барои дар як вақт арзёбӣ кардани фарқияти байни се вазъияти тарбиявӣ, ки ҳамчун механизмҳои асосии психологии гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар доираи барномаи инкишфдиҳанда ҷойгир шуда буданд, интихоб гардидааст. Ин меъёр барои муқаррар намудани динамикаи тағйироте, ки дар муносибатҳои байнишахсии наврасон дар зери таъсири механизмҳои воридкарда ҳангоми гузаштан аз як шароит ба шароити дигар ба амал меоянд, имконият медиҳад.

Умуман, натиҷаҳои назарсанҷӣ ҷолиби диққат буда, коркарди натиҷаҳои корҳои озмоишӣ тариқи ҷадвалу диаграммаҳо, мувофиқан, вобаста ба пойгоҳи таҳқиқот мушаххасан, бо усули оморӣ дуруст ва нишонрас пешниҳод карда шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ-методӣ, психологӣ, педагогӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Шокирҷон Ғуломович боэътимод ва боварибахшанд. Аз гузориши унвонҷӯ маълум гардид, ки ӯ дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои бартараф кардани камбудиҳо ва такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, ки барои бисёр такрор нашудани баъзе калимаҳо аз ҳаммаънои мувофиқаш истифода менамуд.

2. Дар матни диссертатсия ва фишурдаи он муҳаққиқ тавсияҳои методиро барои психологону педагогҳо ва махсусан барои шахсони ба кумаки психологӣ эҳтиёҷдошта васеътар пешниҳод мекард, боиси пурмуҳтаво гаштани рисолаи илмӣ мегардид.

3. Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои китобат ва имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назаррраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса, диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақриздиҳанда, бо иштироки довталаб Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар ҷаласаи васеи кафедраҳои психология ва педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо иштироки садорати факултети педагогика ва варзиш, мудирон, аъзоён ва унвонҷӯёни кафедраҳои номбурда санаи 06.02.2025 доир карда шуда, тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар ин ҷаласа муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (Протоколи №6 "а" аз 06.02.2025).

Дар ҷаласа 32 - нафар аъзоёни кафелраҳо иштирок карданд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин аст: тарафдор - 32 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои педагогӣ
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», профессор — Абдураҳимзода Қ. С.

Эксперт:
Номзади илмҳои педагогӣ
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», дотсент — Салимзода Г.С.

Котиби илмии ҷаласа: — Нуралиев М.И.

Имзои Абдураҳимзода Қ. С., Салимзода Г. С. ва Нуралиев М. И.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» — Исозода Т.И.

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ 67;
Тел: +992 (83222) 24863; 25481; E-mail: bgu1978@mail.ru
« 07 » 02 2025